# Маълумот оид ба фаъолият ва хизматрасониҳои Равзана

1. «Равзанаи бонкии исломӣ»-и Фонди қарзии хурди «ИМОН» (минбаъд дар матн «Равзана») дар асоси Қарори Шӯрои парасторони Фонд аз «7» майи соли 2019 таъсис ёфта, мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки Миллии Тоҷикистон ва Низомномаи худ амал менамояд.
2. Истилоҳҳо ва мафҳумҳо:
   **Равзана –** равзанаи бонкии исломии ФҚҲ "ИМОН"
   **Муштарӣ –** мизоҷ, клиент
   **Кумита –** Кумитаи хизматрасони маблағгузории исломӣ
   **БҚИТ –** Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон
   **Муробаҳа –** фурӯши амвол бо изофи фоидапулии муайяншуда тибқи талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ
   **Иҷора –** иҷораи амволи муайян (манқул ва ғайри манқул)
   **Салам –** харидуфурӯши мол бо шарти пардохти фаврӣ ва таҳвилиояндаи мол.
3. Равзана дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалиётҳои маблағгузории исломии зеринро анҷом медиҳад:
   1) Барои шахсони воқеӣ:
      - Муробаҳа (маблағгузории хариди мол)
      - Иҷора (нақлиёт, манзили истиқоматӣ)
   2) Барои соҳибкорон:
      - Муробаҳа (маблағгузории хариди мол)
      - Иҷора (иҷораи нақлиёт, таҷҳизот ва биноҳо)
      - Салам (хариду фурӯш бо шарти пардохти фаврӣ ва таҳвилиояндаи мол)
      - Маблағгузории лоиҳавӣ.
4. Маҳсулоти маблағгузории Равзана дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ ва тибқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муштариён пешниҳод карда мешаванд.
5. Аҳду амалиётҳои Равзана дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зери назорати Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ анҷом дода мешаванд.

6. Предмети аҳдҳои маблағгузорӣ (молу амвол) ва мақсади истифодаи он бояд аз нигоҳи дини Ислом манъ нашуда бошад.
7. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо:
   a. Равзана ва муштариёни он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои маблағгузории исломӣ ва шартномаҳои байни Равзана ва муштариён басташуда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо доранд.
   b. Шартномаҳо байни Равзана ва муштариён дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” таҳия шуда, аз ҷониби Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ тасдиқ карда шудаанд.
   c. Равзана ӯҳдадор аст, ки сирри бонкиро мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намояд.
   d. Агар иҷрои ӯҳдадориҳои муштарӣ бинобар ҳолатҳои фавқулода имконнопазир, душвор ё ба таъхир афтад, дар ин ҳолатҳо иҷрои ӯҳдадориҳо бояд то анҷоми амали чунин ҳолатҳо боздошта шаванд.
   e. Равзана ҳуқуқ дорад ҳама гуна амалиётро бекор кунад ё боздорад, агар ба андешаи Равзана, иҷрои он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат кунад ва ё боиси вайрон шудани талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ гардад.
8. Ҳамаи маблағгузориҳо бо пули миллӣ (сомонӣ) анҷом дода мешаванд.
9. Барои баррасии дархости муштарӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ягон хел ҳаққи хизмат ситонида намешавад.
10. Тартиби хизматрасонӣ ва қабули шикояти муштариён:

    1) Тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагон дар Равзана, дар асоси Қонуни ҶТ “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” ба роҳ монда шудааст. Баррасии ҳамаи арзу шикоятҳои мизоҷон дар мухлатҳои муқаррар намудаи Қонуни ҶТ “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” аз ҷониби масъулини Равзана баррасӣ карда мешавад.

    2) Муштарӣ барои пешниҳоди дархост, шикоят, истифодаи хизматрасонӣ, гирифтани маълумот ба унвони Равзана муроҷиат мекунад ва ё метавонад аз воситаҳои ба ӯ муносиби зерини Равзана истифода барад:
       - **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 19, бинои 55.
         **Маркази хизматрасонии маблағгузории хурд дар ш.Душвнбе**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 46/2.

**Маркази хизматрасонии маблағгузории хурд дар ш.Бохтар**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, маҳаллаи Мирзо Турсунзода, хонаи 1И

- **Рақамҳои телефонӣ**: +992 48 701 4444, +992 92 707 1559, ш.Бохтар: +992 92 779 8946
- **Почтаи электронӣ:** info@ibw.tj
- **Сомона:** http://www.ibw.tj

3) Равзана муроҷиатҳои муштариёнро (арзу шикоятҳоро) дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ қабул мекунад.
4) Дархостҳои воридгардида ба шакли электронӣ сабт мегарданд.
5) Таҳлил ва баррасии дархост ё шикоятро шахсони мутасаддӣ зери назорати шахсии Директори Равзана анҷом медиҳанд.
6) Баррасии ҳар як дархост аз 3 то 10 рӯзи корӣ, шикоят аз 10 то 30 рӯзи кориро дар бар мегирад.
7) Баъди баррасӣ маълумоти зарурӣ дар муддати зикршуда ба муштарӣ расонида мешавад.

11. Ҳаҷми ноустуворона (ҷарима/хайрия) барои иҷро накардан ё ба таъхир андохтани иҷрои ӯҳдадориҳо:
    - Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ба таъхир андохтани пардохтҳо (дар аҳдҳои Муробаҳа ва Иҷора) ва ё дер кардани таҳвили Мол (дар аҳди Салам), бо талаби Равзана, Муштарӣ ӯҳдадор мешавад, ки маблағи пулиро ба андозаи муқарраршуда мувофиқи Шартнома ба Фонди хайрия (ҳисоби махсуси Ташкилот) супорад. Ташкилот маблағи Фонди хайрияро танҳо барои хайрия ба шахсони мӯҳтоҷ, муассисаҳои хайриявӣ ё дигар мақсадҳои хайриявӣ мувофиқи дастури Кумитаи Хизматрасонии Маблағгузории Исломӣ равона мекунад. Ба сабабҳои узрнок дохил мешавад: мушкилоти молиявӣ, дар бозор мавҷуд набудани моли Салам, ҳолатҳои фавқулода.
    - Ҳаҷми хайрия (ҷарима) барои таъхири пардохтҳо 0,1% аз маблағи батаъхирафтода барои ҳар як рӯз, аммо на зиёда аз 15% маблағи батаъхирафтодаро ташкил медиҳад.
12. Бо розигии муштарӣ ҳисоботи қарз дар бораи муштарӣ аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Равзана дода мешавад. Равзана ҳисоботи мазкурро барои баррасии дархости муштарӣ истифода менамояд.
13. Маблағ ва мӯҳлати ниҳоии маблағгузорӣ;
    - Ҳаҷми ниҳоии маблағгузорӣ – то 500 000 сомонӣ (вобаста ба намуди маҳсулоти маблағгузорӣ)

- Мӯҳлати ниҳоии маблағгузорӣ – то 10 сол (вобаста ба навъи молу амвол ва маҳсулоти маблағгузорӣ)
- Меъёри даромади Равзана – номиналӣ (10%), самаранок (18%)

- **<u>Мисоли тавзеҳӣ барои аҳди Муробаҳа (ба мӯҳлати 1 сол):</u>**

  *Нархи хариди моли Муробаҳа: 120 000 сомонӣ*
  *Пешпардохти муштарӣ: 20 000 сомонӣ*
  *Арзиши мол: 120 000 – 20 000 = 100 000 сомонӣ*
  *Нархи фурӯш: (100 000 ) + даромади Равзана (10 000) = 110 000 сомонӣ*
  *Маблағи пардохти ҳармоҳа: 110 000 / 12 (моҳ) = 9 166 сомонӣ.*

14. Муштарӣ дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ ба чунин оқибатҳои манфӣ дучор хоҳад шуд:
    - Равзана барои пардохти ӯҳдадориҳои муштарӣ амволи гаравро мефурӯшад.
    - Агар амволи гарав барои пӯшонидани ӯҳдадориҳо кифоя набошад, боқимондаи маблағ аз ҳисоби молу мулки дигари муштарӣ ситонида мешавад.
    - Маълумоти манфӣ оиди муштарӣ дар Бюрои қарзӣ (БҚИТ) сабт карда мешавад.
    - Пайгирии ҳуқуқӣ тавассути мақомоти давлатӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.